# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

То имрӯз дар забоншиносии тоҷик тадқиқоти зиёди назаррасу ҷолибе доир ба шинохт ва моҳияти ҳиссаҳои номустақили нутқ сомон пазируфтааст, ки дар бештари чунин пажуҳиш муҳаққиқон аз вижагиҳои муқарраригии ин воҳидҳои забон ёдовар шуда, ба таҳаввули таърихӣ ва доираи маъноии онҳо камтар таваҷҷуҳ кардаанд. Аз ин лиҳоз мавзуи интихобкардаи Курғанов Зохид Дехканович мубраму саривақтӣ буда, бешак, дар ҳалли масоили мубҳами грамматикаи таърихиву муосири тоҷик кумак мекунад.

Аз мутолаи автореферати диссертант таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» бармеояд, ки пажуҳиши мазкур ба таҳлилу тадқиқи унсурҳои ёвари забон рабт дорад. Мубрамияти диссертатсияи мавриди тақриз дар он зоҳир мегардад, ки тобишҳои маъноӣ ва сервазифагии унсурҳои ёвари забон бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия, чунонки аз мутолаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат мебошад. Дар муқаддима муаллиф доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯхташавии масъала, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети пажуҳиш, асосҳои назариву методологӣ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодгардида, аҳаммияти назариву амалии пажуҳиш ва ғ. маълумот додааст, ки тибқи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия мавсум ба **«Аз таърихи тадқиқи ҳиссаҳои ёвари нутқ»** буда, шомили се фасл мебошад. Муаллиф дар фаслҳои ин боб бештар ба таҳлили асарҳои ба ҳиссаҳои номустақили нутқ бахшидаи забоншиносон, ки бевосита дархури мавзуи ӯст, пардохтааст.

Боби дуюми рисола **«Таҳаввули вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар даврони бостон ва миёна»** буда, аз ду фасл созмон ёфтааст. Маҳз дар

фаслҳои ин боб муаллиф бештар ба таҳлили унсурҳои ёваре таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки то имрӯз роҳи пурпечутоби забонро пушти сар кардаанд. Нуктаи муҳим он аст, ки раванди тағйирёбии баъзе аз унсурҳои ёвари забон, ки ҳам аз лиҳози шакл ва ҳам аз ҷиҳати маъно таҳаввул ёфтаанд, бо овардани далелҳои қотеъ исбот карда шудааст.

Номи боби сеюми диссертатсия **«Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** буда, аз панҷ фаслу ҳафт зерфасл иборат мебошад. Аз таҳлили далелҳои рисола маълум мегардад, ки пешояндҳову пасояндҳо дар баробари вазифаи муқаррарии худ, боз инчунин барои иҷрои чанд вазифаи дигар низ меомадаанд. Аз ҷониби диссертант омилҳои чунин сервазифагӣ ба таври аҳсант ошкор карда шудааст.

Унвони боби чоруми рисола **«Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** буда, аз се фаслу ёздаҳ зерфасл иборат аст. Курғанов З.Д. пас аз таҳлили маводи фактологии ҷилибы диққат ба хулосае расидааст, ки пайвандакҳо имкон дорад ба вазифаи якдигар низ оянд. Бояд гуфт, ки ин вижагии забонӣ бештар ба осори садаҳои X-XIII рабт дошта, дар даврони муосир маҳдуд шудааст.

Боби панҷуми рисолаи мавриди тақриз **«Мавридҳои хоссаи истифодаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** ном дошта, аз чор боб ташаккул ёфтааст. Масоили меҳварии чунин бобҳоро, пеш аз ҳама, ҳазфи ҳиссаҳои номустақили нутқ, нақши узввожаҳо дар ташаккули онҳо, қолабҳои пешояндиву пасояндӣ ва алоқаи унсурҳои ёвар бо шеваҳои забони тоҷикӣ ташкил додааст.

**Хулосаи** рисола фарогири бисту нуҳ банд буда, дар он бардоштҳои муҳимми унвонҷӯ зикр гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шеваи хуби илмӣ ва босаводона иншо шудааст, аммо дар баъзе маврид нуқсонҳои ночиз низ роҳ ёфтаанд. Гоҳе дар баъзе саҳифаҳо дар мавриди овардани ному насаби забоншиносон низоми ягонаи баён риоя нагаштааст.

Қобили таъкид аст, ки чунин ғалатҳо ҷузъӣ буда, ба сифати умумии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Дар маҷмуъ, рисолаи илмии Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

**Муқарриз**:
доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забонҳо ва фанҳои
гуманитарии МДТ «Филиали
Донишгоҳи миллии таҳқиқотии
технологӣ МИСИС дар шаҳри Душанбе» Нозимов А.А.

«Имзои Нозимов А.А.-ро тасдиқ мекунам».
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ «Филиали
Донишгоҳи миллии таҳқиқотии
технологӣ МИСИС дар шаҳри Душанбе» Зарипова М.А.

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев, 7.
тел.: (+992) 907 72-56-66
E-mail:aa.nozimov@mail.ru

«24» апрели соли 2024.